Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

23 ноябри соли 2022 Чоршанбе № 94 (14898)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

БА СӮЙИ РЕШАҲОИ МУШТАРАК ВА РУШДИ УМУМӢ

Ислоҳоте, ки солҳои охир бо пайдарпайии мантиқӣ татбиқ мешаванд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки кишвари мо барои ҷаҳон ва ҷаҳон барои мо торафт бештар боз мешавад. Ҳамкориҳои мо на танҳо бо ҳамсоягони наздикамон, балки бо кишварҳои минтақаҳои гуногуни ҷаҳон инкишоф ёфта, Ӯзбекистон ҳамчун шарики боэътимод ба майдон мебарояд.

(Давомаш дар саҳ.3).

ЎЗБЕКИСТОН — ФАРОНСА: ДАВРАИ НАВИ ҲАМКОРИИ ТАРАФАЙН

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бинобар даъвати Президенти Ҷумҳурии Фаронса Эммануэл Макрон 21-22 ноябр ба ин мамлакат ташрифи расмӣ ба амал овард.

Рӯйдодҳои асосии ташриф 22 ноябр баргузор гардиданд.

Ҳамон рӯз Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар қасри Бурбон дар Париж бо Раиси Маҷлиси миллии Фаронса Яэл Браун-Пиве мулоқот намуд.



Дар бобати минбаъд амиқсозии ҳамкории байнипарлумонӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи иҷрои ислоҳот дар бобати минбаъд демократисозии ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ табодули афкор ба амал омад.

Роҳбари Маҷлиси миллии Фаронса ба ҷараёни бозсозиҳои вусъатноки демократӣ дар Ӯзбекистон, аз он ҷумла дар соҳаҳои рушди парламентаризм, таъмин ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодии инсон, пеш бурдани баробарии ҷинсӣ баҳои баланд дод.

Ба ҷанбаҳои таъмини баробарии ҷинсӣ эътибори алоҳида дода шуд. Даст ёфтани Ӯзбекистон ба тараққиёти бузург таъкид гардид, ки дар он занон дар мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроия, тиҷорат ва соҳаи иҷтимоӣ мақоми муносибро ишғол менамоянд.

Моҳи сентябри соли 2022 дар мамлакат бори аввал Ҳамоиши 14-уми роҳбарони парлумонҳои мамлакатҳои ҷаҳон аз ҷумлаи занон баргузор гардид. Декларатсияи Тошканд дар бораи баланд бардоштани мақоми занони пешво қабул гардид.

Инчунин бархурдҳои калидӣ ба омодагии баргузор намудани ислоҳоти конституцсионӣ, ки дар доираи он ҷойгир намудани меъёрҳо дар бораи бекор кардани ҳукми куш, пурзӯрсозии кафолати ҳуқуқи инсон, ҳалли мушкилоти экологӣ ва дигар нуктаҳои муҳим ба нақша гирифта шудааст.

Дар Хонаи собиқадорони Париж, ки дар он аз рӯйи анъана чорабиниҳои расмӣ баргузор мегарданд, маросими истиқболи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев баргузор шуд.

Дар майдон ба шарафи меҳмони олирутба хидматчиёни ҳарбии Гвардияи Ҷумҳурии Фаронса саф оростанд. Оркестри ҳарбӣ мадҳияҳои миллии ҳар ду мамлакатро навохт. Гвардиячиён аз назди роҳбари давлатамон бо қадамзании тантанавӣ гузаштанд.

Президент Шавкат Мирзиёев ва вазир-делегат оид ба масъалаҳои савдои хориҷӣ, ҷолибияти иқтисодӣ ва шаҳрвандони Фаронса дар хориҷ аз кишвар Оливе Бешт аз назди сафи қаравули фахрӣ гузашта, аъзои ҳайати расмиро истиқбол намуданд.

Пас аз маросим ҳайати Ӯзбекистон ба қасри Елисей – қароргоҳи Президенти Фаронса рафт.

Дар қасри Елисей мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Фаронса Эммануэл Макрон баргузор гардид.

Роҳбарони давлатҳо масъалаҳои минбаъд вусъат додани ҳамкории муфиди мутақобили Ӯзбекистону Фаронсаро муҳокима намуда, дар бораи рушди муносибати фарогири шарикии дарачаи олӣ қарордод намуданд.

Пешвоён бо қаноатмандӣ рушди муттасили алоқаҳои дуҷониба, амиқсозии гуфтугӯи васеи сиёсӣ, дастгирии ҳамдигар дар доираи ташкилотҳои байналхалқӣ, пеш бурдани гуфтугӯи байнипарлумониро дар санаи 30-солагии барқарор намудани муносибати дипломатии байни Ӯзбекистону Фаронса таъкид карданд.

Дар солҳои охир миқдори корхона ва лоиҳаҳои муштарак бо иштироки ширкатҳои фаронсавӣ се баробар афзуд. Бастаи ҷории лоиҳаҳои муштараки фаъол дар Ӯзбекистон аз 5 миллиард евро зиёд гардид.

Фаъолияти муфиди тарафайни чунин ширкатҳои дарачаи ҷаҳонӣ, мисли «Total Eren», «Veolia», «EDF», «Orano», «Lactalis», «Carrefour» ва «Shiever» дар соҳаҳои энергетика, кашшофии геологӣ, саноати хӯрокворӣ, савдо таъкид гардид.

Ҳамкорӣ бо Агентии рушди Фаронса сифати нав касб намуд, ки дар лоиҳаҳои соҳаи рушди инфрасохтори шаҳр, иқтисодиёти «сабз», санитария, гидроэнергетика, хоҷагии қишлоқ ва ғайра ширкат дорад.

Ҷамъбасти чорабиниҳои корчаллонии Ӯзбекистону Фаронса, ки дар арафаи ташриф баргузор гардид, олӣ арзёбӣ гардида, дар доираи он муоҳидаҳо ва қарордодҳои тиҷоративу иқтисодӣ ба миқдори беш аз 6 миллиард евро ба имзо расиданд. Манфиатдорӣ аз минбаъд мустаҳкам намудани ҳамкории дуҷониба дар соҳаи бехатарӣ, муқовимати босамар бар зидди таҳдид ва хатарҳои бавучудоянда зикр гардид.

Аҳамияти рушди алоқаҳои маданиву гуманитарӣ таъкид шуд. Ҷонибҳо кушода шудани бахши Алянси фаронсавиро дар Самарқанд дастгирӣ намуданд ва ҳамчунин баргузор гардидани анҷумани дуюми таълимии Ӯзбекистону Фаронсаро 27-28 ноябри соли ҷорӣ дар Париж истиқбол намуданд. Дар бораи рушди ҳамкорӣ дар соҳаи тарбияи муаллимони забони фаронсавӣ мувофиқа ба амал омад.

Роҳбарон бо қаноатмандӣ дар Париж кушода шудани намоишгоҳҳои экспонатҳои мероси маданиву таърихии Ӯзбекистон «Хазинаи воҳаҳои Ӯзбекистон. Дар чорроҳаҳои ҷодаҳои корвон»-ро дар музейи Лувр ва «Роҳи Самарқанд. Мӯъҷизаи шоҳӣ ва тилло» дар Институти ҷаҳони араб дар Парижро таъкид карданд.

Роҳбарони давлатҳо инчунин дар заминаи мушкилоти муҳими байналхалқӣ ва минтақавӣ табодули афкор намуданд.

Мулоқот дар фазои кушод, гарм ва дӯстона баргузор шуд. Дар поёни вохӯрӣ Шавкат Мирзиёев Эммануэл Макронро даъват намуд, ки дар вақти барояш мусоид ба мамлакатамон ташриф оварад.

Пас аз мулоқот дар дарачаи олӣ дар қасри Елисей Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Фаронса Эммануэл Макрон бо ҳамсаронашон аз музейи Луври Париж боздид намуданд.

Лувр яке аз музейҳои калон ва оммавии ҷаҳон ба шумор рафта, соҳиби коллексияи бадеии хеле бой ва бузург мебошад. Ҳар сол аз он қариб 10 миллион нафар сайёҳ боздид менамояд.

Намоишгоҳи «Хазинаи воҳаҳои Ӯзбекистон. Дар чорроҳаҳои ҷодаҳои корвон», ки ба мероси бойи мадании халқамон бахшида шудааст, бинобар муоҳидаҳое ташкил гардиданд, ки зимни ташрифи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Фаронса моҳи октябри соли 2018 ба тавфиқ расидааст. Роҳбари давлатамон ногузирии ташкили намоиши муштараки музейҳои Ӯзбекистон ва Фаронса, васеъ намудани робитаҳои илмӣ ва мадании байни мамлакатҳоямонро таъкид кард. Байни Фонди рушди маданият ва санъати Ӯзбекистон ва музейи Лувр меморандуми марбут ба имзо расид.

Дар тӯли се соли охир барои намоишгоҳ кори ҷиддии омодагӣ бурда шуда буд. Якчанд экспедитсияи муштараки Ӯзбекистону Фаронса баргузор гардида, дар ҷараёни онҳо бисёр кашфҳои ҳафриётӣ ба вуқӯъ пайваст. Ғайр аз ин реставраторони Лувр ва мутахассисони мамлакатамон корҳои вусъатноки тарميميро дар якчанд марҳила ба амал оварданд.

Дар толори Ришеле ва Шуъбаи исломии Лувр ба вуҷуд овардани фазои васеи намоишӣ самараи ин кор гардид, ки он аз 5 навъи хронологӣ иборат аст: «Замони давлатҳо ва шоҳигариҳои воҳавӣ: диффузияи маданият аз тариқи Роҳи абрешим», «Асрҳои миёна ва гулгулшукуфии санъат», «Паҳн гардидани ислом дар Осиёи Марказӣ, давраи эҳё дар фарҳанг ва илм», «Аз Абӯалӣ Сино то Чингизхон», «Замони империяҳои бузург: давраи Темуриён ва Шайбониён».

Экспозитсияе, ки беш аз қитъаи 1500-солаи таърихи Ӯзбекистонро фаро мегирад, аз 138 ашёи нодири 16 музейи мамлакатамон, аз он ҷумла 70 экспонате, ки якҷоя махсус ба намоишгоҳ тармим гаштааст, иборат аст. Инчунин ба коллексия 31 экспонат аз бузургтарин музейҳои Фаронса, Британияи Кабир ва ИМА дохил гаштааст.

Роҳбарони Ӯзбекистон ва Фаронса, ки аз аввалин боздидкунандагони намоишгоҳ буданд, бо ҳамроҳии кураторони он бо ашёҳои санъати таърихӣ аз куҳаншаҳрҳои Далварзинтеппа ва Халчаёна, нигораҳои девории толори сурхи Варахша, деворааи начҷории Кофиркалъа, саҳифаҳои Куръони Катталангар, дарвозаи дутабақаи мақбараи Амир Темур, навиштаҷоти тасвирҳои сафирон дар Афросиёб ва дигар экспонатҳо шинос гардиданд. Дар бораи ба вуҷуд овардан ва дарёфт намудани онҳо вобаста ба таърихи замон ва шахсиятҳои онҳо маълумоти муфассал ироа гардид.

Роҳбарони давлатҳо дарачаи баланди ташкили намоишгоҳ ва муҳити махсуси онро таъкид намуда, барои ҳамаи онҳое, ки ба тайёрии ин рӯйдоди дар ҳаёти мадании ҳар ду мамлакат муҳим саҳм гузоштаанд, арзи сипос намуданд.

Таъкид шуд, ки намоишгоҳи Лувр барои минбаъд мустаҳкам намудани робитаҳои таърихии қадима, дӯстӣ ва ҳусни тафоҳуми натанҳо байни халқҳои Фаронса ва Ӯзбекистон, балки байни Аврупо ва Осиёи Марказӣ хидмат менамояд.

Намоишгоҳ то 6 марти соли 2023 идома хоҳад ёфт.

Пас аз он Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Фаронса Эммануэл Макрон якҷоя бо ҳамсарони худ аз Институти дунёи араб дар Париж боздид намуданд.

Ҳоло ҳозир аз ҷониби институт ва Фонди рушди маданият ва санъати назди Девони Вазирони Ӯзбекистон якҷоя намоиш зери унвони «Роҳи Самарқанд. Мӯъҷизаи шоҳӣ ва тилло» ташкил гаштааст, ки дар он мероси бойи моддии Ӯзбекистони ҳудуди асрҳои XIX-XX намоиш дода шудааст.

Бори аввал дар Фаронса аз 23 ноябри соли ҷорӣ то 4 июни соли 2023 беш аз 300 экспонат аз 9 музейи калони Ӯзбекистон ба ҷамъияти васеи байналхалқӣ намоиш дода мешавад.

Ба экспозитсия коллексияи бофандагӣ, ашёҳои пӯшок ва пойафзор, кулоҳҳо, оroишоти ҷавоҳирӣ ва ҳамчунин 24 осори нақшоии авангарди туркистонӣ аз музейҳои Нукус, Самарқанд, Бухоро ва Тошканд дохил гаштаанд. Дар доираи омодагӣ 89 ороишоти ҷавоҳирӣ таъмир гаштаанд.

Барои президентҳо дар намоишгоҳ экскурсия ташкил гардида, дар бораи экспонатҳо маълумоти муфассал дода шуд.

Ҷониби Фаронса аз зебоӣ ва нафосати ашёҳо изҳори тааҷҷуб намуд, ки онҳо аз даҳои эҷодӣ ва ҳунармандии ниёгон-ҳунармандонамон далолат менамуданд.

Ташрифи расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Фаронса босамар буд.

Дар поёни ташриф роҳбарони давлатҳо Изҳороти муштаракро бо мақсади рушди муносиботи фарогири шарикии дарачаи олӣ қабул намуданд.

14 шартнома имзо гардид, ки ба минбаъд васеъ намудани муносибати Ӯзбекистону Фаронса нигаронда шудааст. Дар байни онҳо Шартнома дар бораи шарикии стратегӣ бо Агентии рушди Фаронса оид ба татбиқи Барномаи ҳамкорӣ дар солҳои 2023-2025 ва Барномаи ҳамкории байни идораҳои сиёсати хориҷӣ дар солҳои 2023-2024 мавҷуд.

Инчунин декларатсияҳо дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи мероси маданиву таърихӣ, таълимоти томактабӣ, халқӣ ва олӣ, рушди хидмати давлатӣ ба имзо расиданд.

Ҳуҷҷатҳо дар соҳаҳои авиатсияи шаҳрвандӣ, мубориза бар зидди коррупсия, баланд бардоштани малакаи судяҳо, таълими забони фаронсавӣ ва аз рӯи дигар самтҳо қабул гардиданд.

Бо ҳамин ташрифи расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Фаронса ба поён расид.

ЎзА.

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

ДЕПУТАТИ ПАРЛУМОНИ АВРУПО ТАШАББУСҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОНРО БИНОБАР РУШДИ НИЗОМИ МУЪТАМАДИ ТАЪЛИМ БАҒОЯТ МУҲИМ ВА САМАРАБАХШ МЕҲИСОБАД

Раиси ҳайати Парлумони Аврупо бинобар робитаҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Муғулистон Фулвио Мартушелло дар гузоришаш ба ОИ «Дунё» ҳамдилии худро бо гуфтаҳои Президент Шавкат Мирзиёев дар Конфронси дуюми умумиҷаҳонӣ доир ба тарбия ва таълими кӯдакони синни хурд бобати он ки насли оянда ганҷи бебаҳои мо ба шумор меравад ва асоси пешрафту пешомадҳои дурахшони мост, изҳор дошт.

– Тӯли асрҳо иртиботи байни Аврупо ва Осиёи Марказӣ дар ташаккулёбии ҷамъиятҳои мо нақши муҳим бозидааанд. Ӯзбекистон дар Шоҳроҳи абрешим қарор дорад, тавре ки Президент изҳор дошт он аз қадимулайём ба рушди тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми муносиб гузоштааст, зеро дар чорроҳаи фарҳанги ғарбу шарқ ҷойгузин буд, – гуфт Фулвио Мартушелло. – Воқеан, бояд аҳамияти тамаддуни мамлакатро таъкид кард.

(Давомаш дар саҳ. 3).

Баъд аз он ки масъалаи китобхонӣ ба дарачаи сиёсати давлатӣ бардошта шуд, дар Ӯзбекистон эътибор ба китобхонаҳо хеле афзуд. Дар шаҳри Тирмизи вилояти Сурхондарё Маркази китобхонаи ба номи Адиб Собири Тирмизӣ, ки дар таркиби Китобхонаи миллии Ӯзбекистон фаъолият мебарад, соли 2016 бунёд ёфтааст. Он бо 13 маркази ахбор-китобхонаи ноҳияҳо дорои 720 ҳазор нусха китобҳои назмӣ ва насрии илмию-бадеӣ, услубию методӣ аст.

БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАДАНИЯТИ МУТОЛИА — ТАЛАБИ ДАВР

Дар инҷо 320 нафар кор мекунанд. Барои боз ҳам хуб ба роҳ мондани фаъолияти китобхонаи миллӣ ва 13 бахши он дар маркази ахборот-китобхонаи ноҳияи Шеробод бо иштироки раҳбарони марказҳо, ходимони масъулони он, намояндагони ВАО дар мавзӯи “Рушди фаъолияти китобхонаҳо» семинар-тренинг баргузор шуд.

(Давомаш дар саҳ. 2).

Лорд КЕРЗОН, ноиб-шоҳи Ҳиндустон дар бораи майдони Регистони Самарқанд:

МАЙДОНИ НЕКӮТАРИНУ ҶАМЪИЯТИТАРИН ДАР ҶАҲОН

Дар сомонаи машҳури иттилоотиву таҳлилии Аврупо «EU Reporter» бахшида ба даврони Эҳёи санъат ва илм дар Осиёи Марказӣ мақола чоп шуд.

Дар он гуфта мешавад, ки Эҳёи Темуриён – ҳамзамони Эҳёи Ғарб – ин даврони зебои бадеӣ, фарҳангӣ ва илмӣ буд, ки дар асри XV сулолаи Темуриён созмон дода буданд.

«Темуриён – ворисони Амир Темур, поягузори эҳёи фарҳанг ва санъати садсола, ки дурдонаи он Самарқанд гардид, мебошанд, – гуфта мешавад дар мақола. – Писари Амир Темур Шоҳрух ва ҳамсари ӯ Гавҳаршодбегим асосгузорони эҳёи темуриҳо ба шумор мерафтанд. Ӯ дар Самарқанд сиёсати ҷолиби бадеӣ, фарҳангӣ ва илмиро кор карда баромад, ки тамоми асри XV-ро фаро гирифт». Шаҳри Самарқанд дар Шоҳроҳи абрешим, ки Чинро бо Мағриб мепайваст, маркази муҳим гардид.

«Амир Темур нафақат ҷаҳонгири бузург буд, балки бунёдкори бемисл ҳам ба шумор мерафт. Чизе ки касро дар ёдгориҳои он давр ба ҳайрат меоварад, ин шаҳомати бунёдкориҳост, – менависанд муаллифон. – Темур дар пойтахти худ ҳам ёдгориҳои дунявӣ ва динӣ, ҳамчунин боғҳо бунёд намуд, онҳоро бо нигораҳо, девор ва фаршҳои сангину қасрҳои муҳташам, ки бо тилло, абрешим ва гилем ороиш ёфтаанд, зебу зинат дод. Сулолаи Темуриён ба санъат ва илм эҳё бахшид».

Зикр мегардад, ки Регистон қалби қадимаи шаҳри Самарқанд маҳсуб мешавад. Вай аз ҷониби Лорд Керзон, ноиб-шоҳи Ҳиндустон соли 1888 ҳамчун «беҳтарин ва ҷомеътарин майдон дар ҷаҳон» тавсиф шудааст.

«Ман дар Шарқ ҷойеро намедонам, ки бинобар содагӣ ва муҳташамии худ бо ин майдон баробар шуда тавонад, – навишта буд вай. – Ягон тамошогоҳи Аврупоро наметавон бо он қиёс кард, зеро мо ягон соҳати кушодро дар шаҳрҳои Ғарб, ки аз се ҷониби чаҳорсӯ бо манорахои баланду зебо ихота шуда бошанд, ба он муқоиса карда наметавонем».

Дар мақола ҳамчунин аз мероси Мирзо Улуғбек – нуҷумшинос ва риёзиётдоне, ки ба сифати саҳми бузурги худ ба меъмориҳои Самарқанд муассисаҳои таълимиро боқӣ гузошт, сухан меравад. Улуғбек Самарқандро бо ёдгориҳои муҳташам ва боғҳо зеботар кард.

«Шоҳ Улуғбек рамзи бузурги эҳёи Темуриён мебошад, вай дар илм саҳми худро гузошт, маҳз бо сифати ҷадвали тригонометрӣ вай аз таърихи риёзиёт мақом пайдо кард. Бинобар ҳамин ҳам барои эҳтиромӣ ӯ соли 1961 Иттиҳоди байналхалқии астрономӣ кратери моҳ ва астероидеро ба номи Улуғбек гузошт», – қайд мегардад дар мақола.

Муаллифон ҳамчунин дар бораи миниатураҳое, ки дар санъати Темуриён мақоми зиёд доранд, ҳарф задааанд. Таъкид мегардад, ки санъат танҳо ба коғаз маҳдуд намешуд, зеро бисёр мусаввирони он давр нигораҳои мураккабро омода мекарданд.

АИ «Дунё»,
шаҳри БРЮССЕЛ.

БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАДАНИЯТИ МУТОЛИА – ТАЛАБИ ДАВР

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар семинар раҳбари Саридораи матбуоти вилоят З.Тӯраев, директори Маркази китобхонаи ба номи Адиб Собири Тирмизӣ М.Абдушукуров, муовини ҳокими ноҳия М.Чориев ба сухан баромада, дар бораи аҳамияти китобхонӣ, эътибори ҳукумат ба ин масъала, бо китобҳои баландмазмун ғанӣ намудани китобхонаҳо, баланд бардоштани маданияти мутолиа ва беҳсозии шароиту хидматрасонӣ ба китобхонҳо ҳарф заданд.

– Китоб бузургтарин кашфиёти инсоният асту ниёгони мо низ офарандагони асарҳои безаволанд, – гуфт зимни суханронии хеш З. Тӯраев... – Интихоби китоб ҳам аҳамияти бузург дорад. Мо бояд аҳли ҷамъиятро ба мутолиаи китобҳое ҷалб намоем, ки дар тарбияву таълими ҷомеа, алалхусус, ҷавонон таъсири хуб доранд. Адабиёти зараровар, на танҳо ба ҷавонон, балки умуман ба ҷамъият хисороти зиёд мерасонад.

Маълум аст, ки вақтҳои охир мардум, алалхусус, ҷавонон ба ҷойи китоб бештар ба интернет рӯ овардаанд. Нотиқон дар атрофи ин масъала низ фикру андешаҳои худро иброз доштанд. Рафи китобхонаҳоро бо адабиёти мумтозу муосири ватанӣ ва ҷаҳонӣ ғанӣ намудан бояд вазифаи аввалиндараҷаи марказҳо бошад.

– Маркази ахборот-китобхонаи вилоят ва ноҳияҳо бо китобҳои босифат ва пурмазмун ғанӣ гардиданд, – изҳор дошт бо хушҳолӣ директори Маркази китобхонаи ба номи Адиб Собири Тирмизӣ М.Абдушукуров. – Аз ҷониби Китобхонаи миллии Ӯзбекистон ба мо қариб 2000 нусха китоб барои боз ҳам босамар пеш бурдани фаъолиятамон армуғон гардид, – гуфт ӯ ва ба марказҳо китобҳоро тӯҳфа намуд.

Дар семинар вазъи китобхонаҳо дар навоҳӣ, камбудиҳои мавҷуда таҳлил гардида, ба раҳбарону ходимони марказҳо тавсияҳои зарурӣ дода шуданд. Дар давоми машварат намояндагони марказҳо бо ҳамдигар табодули таҷриба намуданд.

– Дар байни мардуми Хитой мақоле ҳаст: “Одаме, ки дар рӯяш табассум нест, дукон накушоданаш беҳтар”, – гуфт дар суханронии хеш раҳбари марказии ахборот-китобхонаи ноҳияи Шеробод М.Улуғбекова. – Ин мақолро дар бораи китобхонадор ҳам гуфтан мумкин. Зеро агар ӯ бо чеҳраи кушод, суханони гарму самимӣ ба китобхон муомила кунад, маълумоти дархостаи ӯро саривақт пайдо карда диҳад, ташвиқоту тарғиботро мунтазам ва дуруст пеш барад, албатта, сафи китобхон меафзояд.

Дар рафти машварат маълум гардид, ки марказии ахборот-китобхонаи ноҳияи Шеробод айни замон 31 ҳазор нусха китоб дошта, толори китобхонааш дар як вақт ба 120 нафар хонанда хидмат расонида метавонад. Ҳамчунин ба марказ аз ҷониби ҳокимияти ноҳия, ташкилоту муассисаҳо, шаҳрвандони китобдӯст адабиётҳо тӯҳфа карда шуданд. Таъкид гардид, ки ин ташаббус бояд дастгирӣ карда шуда, дар дигар ноҳияҳо низ чунин иқдомҳои нек бештар гузошта шаванд.

Олим ПАНҶИЗОДА,
хабарнигори
“Овози тоҷик” дар
вилояти Сурхондарё.

Дар кишвари мо дар самти фароҳам овардани фазои мусоид ва рушди босуръати соҳибкорӣ як қатор дигаргуниҳои мусбат ба амал бароварда мешаванд. Аз ҷумла, дар ноҳияи Поп, ки дар вилоят саноаташ торафт вусъат меёбад, низ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ислоҳот ба ҳаёт татбиқ мегардад. Суҳбати мо бо муовини ҳокими ноҳия оид ба масъалаҳои рушди саноат, сармоягузорӣ ва савдои хориҷӣ Равшанбек ОНАРБОЕВ дар атрофи ҳамин мавзӯъ сурат гирифт.

КОРХОНАҲОИ СОДИРОТӢ МЕАФЗОЯНД

– Татбиқи Стратегияи рушди Ӯзбекистон барои солҳои 2022-2026, таҳкими дастовардҳои баамаломада, ба сатҳи нав бароварданд равандҳои ислоҳоти бунёдӣ, баланд бардоштани ҳуқуқу манфиат, арзиш, шаъну шарафи инсон вазифаи аввалиндараҷаи мо гардидааст.

Ба туфайли таваҷҷӯҳи хосаи роҳбари давлат ба соҳаи соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар минтақаҳо барномаҳои нави сармоягузорӣ амалӣ мегарданд.

Дар 9 моҳи соли ҷорӣ ба 16 кишвари ҷаҳон, аз ҷониби 15 корхонаи содиркунанда ба маблағи 14,4 миллион доллар маҳсулот содир шуд. Ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 127,4 фоизро ташкил медиҳад. Дар таркиби содирот маҳсулоти саноатӣ 9 ва меваю сабзавот 5,4 миллион доллар ташкил дод.

Аз ҷониби 7 корхонаи саноатӣ содироти маҳсулоти арзишашон 9 миллион доллар ба амал бароварда шуд. Дар соҳа пешгӯии солонаи содирот 11,5 миллион доллар ташкил дод.

Аз ҷумла, аз ҷониби корхонаи хориҷии «Пап-Фен» ба маблағи 4,5 миллион доллар ба Туркия ва Хитой калобаи ришта, ки ашёи хоми саноатӣ ба ҳисоб меравад, содир карда шуд. Корхона ба нақша гирифтааст, ки то охири сол ба маблағи 8,5 миллион доллар маҳсулотро содир намояд. Ҳамчунин, аз ҷониби ҶММ «Чодак асл бизнес» ба кишвари ҳамсояи Афғонистон 6,5 ҳазор тонна орд ба маблағи 2,4 миллион доллар интиқол дода шуд.

Аз ҷониби ҶММ «Brikstone BS» ба кишвари ҳамсояи Қазоқистон, ба маблағи 1,1 миллион доллар хишти керамика содир шуда, то охири сол ба маблағи 2 миллион доллар расондани маҳсулот пешбинӣ шудааст.

ҶММ «Meva Agro», ки шарбати себро омода карда, ба Русия мефурӯшад, ба маблағи 250 ҳазор доллар маҳсулот содир кардааст.

Ҳаҷми солонаи маҳсулоти содиротии меваю сабзавот 7,4 миллион доллорро ташкил дода, то имрӯз ба маблағи 5,4 миллион доллар маҳсулот аз ҷониби 8 нафар содиркунанда ба хориҷ бароварда шудааст. Корхонаи навтаъсиси «Фруктовый Восток» ба Полша ва Русия ба маблағи 320 ҳазор доллар маҳсулоти малина ва ҶММ «Орбаён» ба Туркманистон ва Қазоқистон ба 1 миллион доллар меваю сабзавотро содир кардааст.

Аз ҳисоби кишти такрорӣ дар майдонҳои аз ғалла озодшуда имсол аз 2900 гектар 7,5 тонна мош ва аз 3500 гектар майдон 5 ҳазор тонна чормағзи заминӣ гирифта шуд.

Коркард ва бастубанди маҳсулоти хушки ғалладона аз ҷониби ҶММ «Поп чиғаноқ экспорт» ба амал бароварда, ба Чин содир карда мешавад.

ҶММ «ШЗМ саноат» дар минтақаи хурди саноатии «Ҳазратибоб» бо коркард ва бастубанди маҳсулоти чормағзи заминӣ машғул аст.

Дар 10 гектар гармхонаи ҶММ «The garden», 7 гектари корхонаи «Zamin Gren world», инчунин дар 10 гектари маҷмӯи гармхонаи «Ором» помидор рӯёнда мешаванд, дар чоряки чоруми соли ҷорӣ содиркунандагони мазкур барилова ба арзиш 4,5 миллион доллар беш аз 2,5 ҳазор тонна меваю сабзавот содир мекунанд.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда оид ба рушди соҳибкорӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи соҳибкории хусусӣ ва тиҷорати хурд, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти онҳо роҳбари корхонаи «Pop home market» Бургутали Ҳикматов барои бо манзил таъмин намудани ниёзмандони хонаву ҷой дар маркази ноҳия бинои панҷошёнаро ба маблағи умумии 22 миллиард доллар сохта, ба истифода дод. Маҷмӯи мазкур аз 14 хонаи 2 ва 39 хонаи 3 ҳуҷрагӣ иборат буда, 53 оила бо манзили доимӣ таъмин гардиданд.

Инчунин, дар арафаи ҷашни истиқлолият бо саъю кӯшиши ин соҳибкор маҷмӯи хидматрасонии тиббӣ – «Клиникаи хусусии ҷарроҳӣ» ба истифода дода шуд. Лоиҳаи мазкури арзиши умумиаш 20 миллиард сӯм ҷойҳои нави корӣ таъсис дода, 30 нафарро бо ҷойи кор таъмин кард.

Дар 7 гектар майдони маҳаллаи Миришкор, аз ҷониби ҶММ «Zamin Gren World» бо роҳбарии Абубакр Мамадалиев маҷмӯи замонавии гармхонаи гидропоникии арзиши умумиаш 62,9 миллиард сӯм бунёд гардид. Дар натиҷаи татбиқи лоиҳа 100 нафар бо ҷойи кори доимӣ ва 150 нафар мавсимӣ таъмин шуда, он ба таъмини муттасил ва устувории нархи маҳсулоти хӯрокворӣ дар ноҳия ва афзоиши иқтидори содиротӣ хидмат мекунад. Гармхона бо таҷҳизоти Туркия ва Испания муҷаҳҳаз шудааст, ки арзиши он 3,9 миллион доллорро ташкил медиҳад. Дар ин ҷо помидори навъи «Хуҷимаро»-и Олмон парвариш карда мешавад. Иқтидори солонаи маҷмӯъ 3500 тонна ё 10,5 миллион доллорро ташкил медиҳад. Сад фоизи маҳсулоти истеҳсолшуда ба Русия ва кишварҳои Аврупо содир мешаванд.

Суҳбатнигор
Шоҳида ДАМИНОВА,
мухбири
«Овози тоҷик».

Вилояти НАМАНГОН.

ЎЗБЕКИСТОН ИСТИХРОҶИ ТИЛЛОРО ЗИЁД МЕКУНАД

Бовар дорам, ки ҷамоаи аҳл, бомаҳорату боистеъдод ва профессионали Комбинати маъдани кӯҳии Навоӣ вазифаҳои доманфарохи дар наздашон гузошташударо сарбаландона иҷро мекунанд.

Шавкат МИРЗИЁЕВ.

Вақте ки автобуси мо шаҳри Самарқандро пас гузошт ва ба самти шаҳраки Зарканти ноҳияи Қӯшработ ҳаракат кард, намози зуҳр фаро мерасид. Гумон кардем, ки баъди чанд дақиқа ба ин шаҳрак мерасем ва бо фаъолияти кони истихроҷи маъдани Зарметан аз наздик ошно мешавем. Аммо роҳи якуним соата сипарӣ гашта бошад ҳам, мо ҳанӯз роҳ мепаймудем. Роҳбаладамон Азамат Зариф вазъияти моро дарк намуд магар, гуфт: «Камтари дигар масофа монд ва мо хеле зуд ба кони Зарметан мерасем».

Қабл аз ин сафар, дар Самарқанд аз чанде дӯстон пурсидам, ки оё дар бораи кони маъдани кӯҳии Зармитан ягон маълумот доранд. Ҳамсуҳбатонам китф дарҳам кашиданд ва гуфтанд, ки комбинати маъдани кӯҳӣ дар вилояти Навоӣ ҷойгир аст ва онҳо аз мавҷудияти кони маъдани кӯҳӣ дар қаламрави вилояти Самарқанд иттилоъ надоранд. Ин посухи онҳо ҳайратамро афзуд ва дубора аз роҳбалад пурсидам: ҷое, ки мо меравем, марбути кадом вилоят аст? Азамат Зариф гуфт, ду кони наве, ки ба истихроҷи маъдани кӯҳӣ ихтисос ёфтааст, марбути вилояти Самарқанд буда, ба Комбинати маъдани кӯҳии Навоӣ мутааллиқ мебошанд.

Ниҳоят, пеши назар хонаҳои баландошёнаи замонавӣ, биноҳои зиёди маъмурӣ ва маишӣ намудор гардид. Маълум шуд, ки автобуси мо баъди убури чандин шаҳраку деҳкадаҳои сари роҳ ахиран вориди Заркент мешавад. Мо ба Зарметан дар чаҳорчӯби Медиафоруми дуюми ҷумҳуриявии Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон таштриф овардем, ки дар ҳамкорӣ бо дафтари матбуоти КМКН роҳандозӣ ва маросими ифтитоҳи он 20 ноябр баргузор гардид.

Дар оғоз барои мо филми мустанаде намоиш дода шуд, ки аз оғози фаъолияти кони маъдани кӯҳии Зарметан то имрӯзро дар худ акс кунонидааст. Ҳамзамон риояи бехатарии техникӣ аз асоситарин ҷанбаи кор дар кони маъдан арзёбӣ гардид. Барои ҳамин ҳамаи журналистон кулоҳҳояшонро ба либосҳои махсус пӯшида, аз минтақаҳои он ва раванди кор боздид намуданд. Гурӯҳи коргарони дар бар либосҳои махсус бо мошини зиреҳпӯш савор шуданд ва ба қаъри замин даромаданд, то ки аз масофаи ҳазор метр захираҳои маъдани кӯҳиро канда, тавассути нақлиёт ба боло интиқол диҳанд.

– Комбинати маъдани кӯҳии Навоӣ аз корхонаҳои азими саноатии мамлакат ба ҳисоб меравад ва дар иқтисодиёти он, инчунин афзоиши маҳсулоти холиси дохилӣ саҳми калон мегузорзад. Солҳои охир дар комбинати маъдани кӯҳӣ лоиҳаҳои калони инвеститсионӣ ба амал бароварда мешаванд. Дар чаҳорчӯби ин лоиҳаҳо соли 2021 Корхонаи маъдани кӯҳии рақами 7 ба кор дароварда шуда ва дар Корхонаи маъдани кӯҳии рақами 2, ки дар як сол ба коркарди 12 миллион тонна маъдан ихтисос дода шудааст, бинои “Б” мавриди истифода қарор гирифт, – гуфт масъули кор бо ҷомеаи КМКН Холмамат Раупов.

Қайд гардид, ки дар соли 2021 ҳиссаи ин корхона дар таҳлидоти саноатии ҷумҳурӣ 13 дарсадро ташкил намуд. Ҳиссаи умумии даромадҳои буҷаи давлатӣ ҳудуди 20 дарсадро ташкил дода, корхона дар раддабандии ширкатҳои ҷаҳонии тилло дар ҷойи 5-ум қарор гирифт.

Боздид аз корхонаи маъдани кӯҳии рақами 4, конҳои Зарметан ва Гуҷумсойи Ҷамъияти саҳҳомии КМКН ва равандҳои истеҳсолӣ, татбиқи лоиҳаҳо, суҳбат бо коргарон ба журналистон таассуроти калон боқӣ гузошт. Маълум шуд, ки то имрӯз садорати маъдани кӯҳии ҷанубӣ, ки дар он қариб 7 ҳазор нафар кор мекунанд, яке аз бахшҳои калонтарини комбинат ба шумор меравад.

– Иқтидори солонаи истихроҷи маъдан дар кони зеризаминии Зарметан 850 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. Дар кон маъдани кварс – сулфиди тиллодор ҳосил карда мешавад. Ҳоло дар конҳои зеризаминӣ таҷҳизоти навтарин – мошинҳои зеризаминии ҳудгарди боркунию борфарорӣ, автосамосвалҳои кӯҳӣ, дастгоҳҳои парма-кунӣ ва дигар таҷҳизоти ширкатҳои хориҷӣ, ба монанди «Эпирок», «Сандвик», «Паус», «Шахтёр» ба таври фаровон ва васеъ истифода мешаванд, – тазаккур дод Холмамат Раупов.

– Корхонаи маъдани кӯҳии рақами 4, ки моҳи августи соли 2010 дар шаҳраки Заркент ба истифода дода шуд, дувумин маҷмааи истеҳсолии корхонаи маъдани кӯҳии Навоӣ мебошад, ки дар солҳои истиқлолияти кишварамон бунёд ёфтааст. Дар солҳои 2010-2020 маҳсулнокии корхона солона аз 1,8 миллион то 2 миллион тонна маъдани коркардшуда афзоиш ёфта, сатҳи истихроҷи тилло 92,2 фоизро ташкил медиҳад. Аз он вақт инчониб корхона дар конҳои зеризаминии Зарметан ва Гуҷумсой бештар аз 20 миллион тонна маъданро кор карда баромад, – мегӯяд Холмамат Раупов.

Тибқи таҳқиқоти геологӣ, захираи кони маъдани Зарметан имкон медиҳад, ки корхона то соли 2070 мӯҳлати кор кунад. Ҳоло дар ин комбинат, ки бештар аз 500 нафар аҳолии маҳаллиро ба кори доимӣ фаро гирифтааст, аз техника ва технологияи навтарину замонавӣ васеъ истифода бурда мешавад.

– Ҷамъияти саҳҳомии «Комбинати маъдани кӯҳии Навоӣ» ба ширкатҳои дахлдори пешқадами ҷаҳон оид ба истихроҷи тилло муаррифӣ шудааст. Он инчунин бузургтарин корхонаи истихроҷи маъдан дар қаламрави мамлататамон маҳсуб меёбад, ки аз кашфи геологии захираи сарватҳои зеризаминӣ, истихроҷи маъдан ва коркарди он то ба даст овардани маҳсулоти тайёри тиллоро фаро гирифтааст. Тавассути захираҳое, ки дар конҳои маъдани кӯҳии марбути КМКН истеҳсол мегардад, тиллои морки “999,9” қолибгузорӣ мешавад ва дар биржаҳои металҳои қиммат-баҳо ба бренди Ӯзбекистон табдил ёфтааст, – изҳор намуд Раупов.

– Ман дар ин корхона бештар аз панҷ сол аст, ки кор мекунам. Дар як рӯз ҳафт соат кор барои мо муқаррар шудааст. Аз маоши баланд низ бархурдорем. Солона даромаде, ки ба ҳайси коргари одӣ аз ин корхона ба даст меорам, бештар аз сад миллион сӯмро ташкил медиҳад. Ҳар сол як маротиба дар осоишгоҳи КМКН, воҳеъ дар кӯҳистони ноҳияи Зомини вилояти Ҷиззах ройгон истироҳат ва саломатиамро барқарор мекунам, – мегӯяд зимни суҳбат коргари маҳаллии кони маъдан Муҳаммадҷон Маҳмудов.

Дар ин ҷо маоши мутахассисони соҳибмаълумот тақрибан ду баробари коргарони одӣ будааст. Коргарон як маҳал бо хӯроки гарми ройгон таъмин мебошанд.

Вақте ки аз кони маъдани кӯҳии Зарметан берун омадем, дар майдонҳои васеъ қатори мошинҳои сабуки тамғаҳои гуногунро дучор шудем. Гумон мерафт, ки ин ҷо бозори мошин бошад. Аммо маълум шуд, ки ин мошинҳо моли коргарону мутахассисони ҳамин корхона мебошад.

Автобус ба самти вилояти Ҷиззах ҳаракат кард. Моро лозим меомад, ки то расидан ба осоишгоҳи КМКН, воҳеъ дар кӯҳистони ноҳияи Зомин, сеюним-чор соатро сипарӣ кунем.

Дар пеш моро се рӯзи тамом медиафоруми дувуми ҷумҳуриявӣ таҳти унвони “Журналистикаи миллӣ: давомнокии анъанаҳо ва муосир” интизор буд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири
“Овози тоҷик”.

ТОШКАНД – САМАРҚАНД – ҶИЗЗАХ.

ХАБАРҲО

ҲАМКОРИҲО ДАР СОҲАИ САЙЁҲӢ

Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои сердаромад ба шумор рафта, дар рӯзҳои мо масъалаи тарғиби иқтидори сайёҳии Ӯзбекистон долузарбӣ касб намудааст. Бо ин мақсад бо созмонҳои сайёҳии кишварҳои пешрафта гуфтушунидҳо ба амал меоянд, ки баҳри равнақи соҳа нигаронида шудаанд.

Чунончи, вазири сайёҳӣ ва мероси фарҳангӣ Азиз Абдуҳакимов бо президенти Ассосиатсияи сайёҳии Олмон Норберт Фиебиг воҳӯрд. Таъкид гашт аз захираҳои маркетингии якдигар истифода кардан ба манфиати кор аст ва мо бояд робитаҳоро боз ҳам мустаҳкам намоем,барои сайёҳон қулаиҳои бештар фароҳам созем. Айни замон масъалаи аз Олмон ба Самарқанд ба роҳ гузоштани рейсҳои бевоситаи чартер муҳокима гардид. Ин имкон медиҳад миқдори сайёҳоне, ки аз Аврупо ба Ӯзбекистон омаданианд, афзун гардад.

Ҷонибҳо аз рӯйи якҷо кор карда бароварданд нақшаи медиа, ки ба равнақи ҳамкориҳо мусоидат месозад, ба мувофиқа расиданд.

БАРОИ ФАЪОЛТАРИН БОНУВОНИ ҲАРБӢ

Қарори Президент “Дар бораи таъсис додани нишони сарисинагии “Тумарис” қабул гардид. Таҳти ин қарор низом дар бораи нишони сарисинагии “Тумарис”, нишони “Тумарис” ва гувоҳномаи он тасдиқ карда шуд.

Нишони мазкур бо мақсади рӯҳбаландсозии бонувоне, ки дар соҳаи ҳарбӣ хидмат менамоянд, таъсис ёфтааст. Он ба сифати мукофот аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор дар арафаи 14 январ – Рӯзи ҳимоятгарони Ватан ба тарзи тантанавӣ супурда мешавад.

М.ШОДИЕВ, мухбири “Овози тоҷик”.

Фармони Президент – дар амал

САҲМГУЗОРОНИ «МАКОНИ САБЗ»

Дар асоси тадбири «Макони сабз» танҳо дар муддати ду моҳи охир дар вилояти Самарқанд беш аз 5 миллион бех ниҳоли мевадор ва манзаравӣ, гулбуттаҳои бисёрсола шинонда шудааст.

Дар ин кори хайру савоб ҷамоати аҳлу тифоқ ва байналмилали шуъбаи вилоятии пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии таҷрибавии боғпарварӣ, токпарварӣ ва машруботпазии ба номи Маҳмуд Мирзоев (собиқ академик Рихард Шредер), ки воқеъ дар ноҳияи Самарқанд аст, саҳми арзанда дорад.

Шуъба соли 1956 дар дашти «одам гардад пояш, парранда парад қаноташ сӯзад» ба ивази меҳнати пурмашаққат бунёд ёфтааст, ки ҳоло шаҳраки зебои дилнишин дораду ҳам боғу киштзори олиҷаноб.

Дар атрофи шаҳраки истиқоматӣ қариб 600 гектар майдон буда, боғбони соҳибтаҷриба бо парвариши ниҳолҳои мевадор ва манзаравӣ, ток ва гулбуттаҳои бисёрсола машғул ҳастанд. Олимони самарқандӣ дар ҳамкорӣ бо ҳамкасбони хориҷӣ навъҳои гуногуни маҳаллӣ, ки ба иқлиму шароити замин муносиб ва ба бемориҳо тобовар мебошанд, аз донак парвариш мекунанд.

Номзади илмҳои кишоварзӣ, пири боғдорӣ Ўрмонбобо Мирзоҳидов соли 1966 фаъолияти худро ҳамчун лаборант оғоз намуд ва имрӯз мудири шуъбаи боғдории пажӯҳишгоҳи мазкур аст

— Ҳоло дар тасарруфи шуъбаи мо қариб 300 гектар майдон буда, дар 175 гектар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ идома доранд, – иброз дошт Ўрмонбобо Мирзоҳидов, – танҳо соли гузашта ва имсол 12 намуди себ, 4 намуди шафтолу, 5 намуди олу ва ғайра бунёд кардем. Навъҳои «Азамат» ва «Фаризӣ»-и нок ба номи набераҳои ширини бибиҷон ва бобоҷон аст.

Аҷибаш он аст, ки додари ӯ номзади илмҳои кишоварзӣ Бахтиёр Мирзоҳидов низ дар пажӯҳишгоҳи мазкур бо токпарварӣ машғул буда, вай ҳам муаллифи чандин патенти кашфиёти илмӣ-тадқиқотии таҷрибавии боғпарварӣ ва токпарварӣ мебошад.

«Маликаи кишмиш», «Мароқанд» ва ғайра дар ҳамин ҷо бунёд ёфтааст ва ба фермерҳо ирсол шудаанд.

Чанде пеш дар ҳамкории нозирони назорати маҷмӯаи агросаноати назди Девони Вазирон ва шуъбаи вилоятии он ба пажӯҳишгоҳи мазкур пресс-тур ташкил ёфт ва вакилони расонаҳои ахбори оммавӣ бо корҳои муфиди олимону мутахассисони соҳаҳои асосии боғдорӣ ва ангурпарварӣ аз наздик ошно гардиданд.

– Мо аз рӯзҳои офтобӣ истифода бурда, донаҳои дарахтони мевадор ва манзаравиро дар асоси қоидаҳои агротехникаи парвариши онҳо ба замин кишт мекунем, – гуфт директори ташкилот Тӯлқин Исломов, – танҳо соли равон ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Самарқанд беш аз 400 ҳазор бех ниҳоли мевадор ва манзаравӣ, 750 ҳазор қаламчаи ток ва 200 ҳазор гулбуттаи бисёрсола ирсол намуда, инчунин барои оилаҳои камбизоат ва мӯҳтоҷ 2 ҳазор бех ниҳоли дарахтони сояафканро ҳадя кардем.

Имрӯзҳо барои соли оянда бештар парвариш кардани ниҳолҳо ҷидду ҷаҳд дорем. Зеро нияти неки мо ба мардуми Самарқанд ва фермерҳо 172 ҳазор бех ниҳоли мевадор ва 234 ҳазор дона қаламчаи ток ирсол кардан аст.

Дар толори маҷлисгоҳи пажӯҳишгоҳ бо иштироки олимону мутахассисони соҳаи боғу токпарварӣ анҷумани матбуотӣ баргузор гардид.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

Дар нигористон

«Оҳанги хатҳо»

Чунин ном дошт намоиши асарҳои Арбоби шоистаи санъати ҷумҳурӣ, рассоми маъруф Дамир Рӯзибоев, ки дар Хонаи фотографияи пойтахт ба вуқӯъ пайваст.

Асарҳои наққошӣ ва ҳайкалтарошие, ки дар нигористон гузошта шудаанд, ҷанбаҳои нодири рангӣ ва композитсионӣ доранд. Аҷиб аст, ки ин ҳунарманди самарқандиасл хати эҷодиёти худро аз рӯзгор ва сабаки зиндагии худ интихоб намудааст, ки бинобар гуфтаи санъатшиносон ба эҷодиёти ӯ таъсири зиёд гузоштааст.

Дар охирин рӯзи намоишгоҳ албоми рассом бо номи «Гирехе, ки қасди бозаш кардам» рӯнамоӣ шуд, ки дигар ҳунаршиносон ва ҳаводорони ҳунарманд ақидаҳои худро дар бораи асарҳои Рӯзибоев нақл карданд.

Сабаби чунин номгузорӣ шудани албомашро наққош чунин шарҳ медиҳад: «Дар фонди Музейи давлатии санъат дафтарчаҳоеро дидам, ки диққатамро ҷалб намуданд. Онҳо мисле ки дастурҳои таълимии нигоранависии асрҳои XIV-XVI буданд, ки сабаки онро аз аввал то охир инъикос карда буданд. Маҳз кушодани ҳамин гиреҳҳо барои ман ачиб намуданд».

Т.ХОВАРӢ.

Суратгир: *муаллиф.*

БА СӮЙИ РЕШАҲОИ МУШТАРАК ВА РУШДИ УМУМӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Мулоқоти сарони давлатҳои Созмони кишварҳои туркӣ дар мавзӯи «Давраи нави тамаддуни турк: ба сӯйи пешрафти умумӣ ва шукуфоӣ», ки чанд рӯз қабл дар Самарқанд баргузор гардид, далели равшани ин гуфтаҳо аст.

Маълум аст, ки дар нишасти Шӯрои ҳамкории давлатҳои туркӣ, ки 12 ноябри соли 2021 дар шаҳри Истанбул баргузор гардид, номи Шӯрои туркӣ ба Созмони кишварҳои туркӣ тағйир дода шуда буд. Нишасти нахустини Созмони кишварҳои туркӣ дар Самарқанд дар таъриҳи ҳамкории давлатҳои туркӣ саҳифаи нав боз намуд.

Ин нишаст, ки таваҷҷуҳи тамоми аҳли ҷомеаи ҷаҳонро ба худ ҷалб кард, аз як ҷиҳат далели рушди ҳамаҷонибаи кишвари мо бошад, аз тарафи дигар, ба яке аз марказҳои муҳими муколамаи ҷаҳониён табдил ёфтани кишвари мо ва сеюм, самарабахш ба амал баровардани сиёсати сулҳдӯстона ва ҳамкории тарафайн мебошад.

Дар ин ҳамоиш таъкид шуд, ки таҳкими пояҳои ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Ҳамагӣ 4 фоизи ҳаҷми умумии савдои хориҷии моро ташкил додани савдои мутақобилаи кишварҳои мо, ба ҳиссаи кишварҳои сеюм рост омадани қисми боқимондаи он, барои ба куллӣ тағйир додани вазъ дар ин самти стратегӣ, таъмини ҳаракати озоди тиҷорат, сармоягузорӣ ва хидматрасонӣ аз ҷониби Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар чаҳорчӯби созмон таъсиси «Минтақаи имкониятҳои нави иқтисодӣ» ба миён гузошта шуд.

Барои расидан ба ин мақсад Сарвари давлатамон пешниҳод намуд, ки ҳар сол Форуми байналмилалии иқтисодии туркӣ гузаронда шавад. Баргузории чорабиниҳои муштарак, вохӯриву «мизҳои мудаввар»-и соҳибкорон, муаррифии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва намоишгоҳҳо дар шакли «давлат ва соҳибкорӣ» дар доираи ҳамоиш натиҷаҳои бузурги амалӣ хоҳад дод. Қабули “харитаҳои роҳ”-и ҳамасола, ки ба татбиқи барномаву лоиҳаҳои муштарак дар асоси натиҷаҳои ин чорабиниҳо нигаронида шудааст, аҳамияти муҳим хоҳад дошт.

Сарвари давлат таъкид дошт, ки корҳои хайре, ки бо мақсади ҳамаҷониба ҳавасманд гардондани насли наврас, ба рӯи об баровардани истеъдод ва қобилиятҳои онҳо оғоз гардидаанд, пайваста идома хоҳанд ёфт.

Пешниҳод карда шуд, ки соли оянда дар кишварамон Конгресси байналмилалии илм ва навовариҳои ҷавонони ҷаҳони турк баргузор шавад. Дар доираи он мулоқоти ҳамаҷонибаи вазирони инноватсия ва маориф, ректорони донишгоҳҳо ва пешвоёни ҷавон, писарону духтарони боистеъдод ва пирони созмон дар назар аст. Ин, дар навбати худ, барои муттаҳид сохтани ҷавононе, ки нерӯи пешбарандаи ҳама гуна ислоҳот маҳсуб мешаванд, барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои амалӣ байни онҳо ва муҳимтар аз ҳама, рушди илм, ки имрӯз дар ҳар як соҳа ниёзмандии зиёд ба ҳисоб меравад, такони бузург медиҳад.

Дар ин ҳамоиш раҳбарӣ ба созмон аз Туркия ба Ўзбекистон гузашт. Ин бошад, барои тарғиби ғояҳои хуб имконият дода, масъулияти калон ба миён мегузорад. Дар ин ҳамоиш сарвари давлатамон доир ба нақшаҳои кишварамон истода гузашта, таъкид намуд, ки дар давраи раёсати худ Ўзбекистон консепсияи «Нигоҳи ҷаҳони турк – 2040» ва стратегияи панҷсолаи қабулшудаи Созмони кишварҳои туркиро самаранок амалӣ хоҳад кард, минбаъд нуфузи ин созмонро, ки минтақаи азим буда беш аз 170 миллион нафар аҳолӣ дорад, мустаҳкам хоҳад намуд, аз ҳама муҳимаш, ҳамкориҳои байни халқҳои бародар ва кишварҳои дорои таъриху забон ва фарҳанги муштаракро ба зинаи баландтар баровардаанд.

Дар охир бояд гуфт, ки имрӯз бисёриҳо умедворанд, ки созмони давлатҳои туркӣ ба манфиати муштарак ва шукуфоии миллатҳои бародар хидмат мекунад. Дар рафти нишаст як қатор ҳуҷҷатҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии ҳамкорӣ ва таҳкими шарикии бисёрҷониба дар як қатор самтҳои афзалиятнок қабул гардида, ба хотири густариши минбаъдаи муносибатҳо дар соҳаҳои савдо, иқтисод, технологияи рақамӣ, нақлиёт ва коммуникатсияҳо, мубодилаи маданию гуманитарӣ воҳӯриву муколамаҳои мустақим ташкил карда шуданд, ки бешубҳа, натиҷа хоҳанд бахшид.

Абира ҲУСЕЙНОВА,
узви Сенати Ҷумҳурии Ўзбекистон,
доктори илми фалсафа, профессор.

МУАРРИФИИ 100 ҶИЛДАИ «ДУРДОНАҲОИ АДАБИЁТИ ТУРКӢ»

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар саммити Шӯрои ҳамкории давлатҳои туркӣ, ки 15 октябри соли 2019 дар пойтахти Озарбойҷон — шаҳри Боку баргузор шуда буд, ғояи дар ҳар давлати аъзо ба забони модарӣ нашри 100-ҷилдаи намунаҳои «Дурдонаҳои адабиёти туркӣ»-ро ба миён гузошта буд.

Ў 11 ноябри соли равон дар гирдиҳамоии самарқандии Шӯрои роҳбарони созмони давлатҳои туркӣ, аз ҷумла, изҳор дошт, ки : «Мо ба наздикӣ 100 ҷилдаи «Дурдонаҳои адабиёти туркӣ»-ро, ки намунаҳои беҳтарини адабиёти кишварҳои аъзои Созмон ва мушоҳидро дар бар мегирад, ба забони ўзбекӣ чоп кардем. Агар ин хазинаи бебаҳо ба забони модарии халқҳои кишварҳои аъзо ва мушоҳид низ чоп шавад, ба қаробати халқҳои бародар, қабл аз ҳама ҷавонони мо, заминаи мустаҳкам фароҳам меоварад.

Дирӯз дар Институти шарқшиносии Фарҳангистони улуми Ўзбекистон муаррифии 100 ҷилдаи «Дурдонаҳои адабиёти туркӣ», ки хеле назаррабо рӯйи чопро дидааст, баргузор шуд. Дар ин чорабинӣ масъулони идораву созмонҳои давлатӣ, намояндагони Иттифоқи нависандагон, Вазорати фарҳанг, Фарҳангистони улум, Маркази маънавият ва маърифат, шоиру нависандагони саршинос, тарҷумонҳо, олимон, экспертҳо, раисони марказҳои миллии фарҳангӣ ва ходимони расонаҳои ахбори умум иштирок намуданд.

Дар баромади хеш мушовири Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Х. Султонов изҳор дошт, ки нашри 100 ҷилдаи «Дурдонаҳои адабиёти туркӣ» дар ташаккули дипломатияи адабии байни Созмони давлатҳои туркӣ аҳмияти муҳим дорад.

Ба 100 ҷилдаи «Дурдонаи адабиёти туркӣ» намунаҳои беҳтарини адабиёти қадими умумитуркӣ то садаи XXI, яъне шоиру нависандагон ва мутафаккирони саршиноси Ўзбекистон, Туркия, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, ҳамчунин кишварҳои мушоҳид — Туркманистон ва Венгрия ворид шудаанд.

— Омода кардани 100 ҷилда кори осон набуд, — гуфт сармуҳаррири маҷаллаи «Жаҳон адабиёти» («Адабиёти ҷаҳон») А. Мелибоев. — Аз ҷониби Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон, ҷамоаи маҷалла, Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавӣ дар муддати кӯтоҳ кори зиёде анҷом дода шуд. Дар кори тарҷума ва табъу нашр беш аз 200 нафар тарҷумон, қариб 50 нафар адабиётшиносу матншинос, адибон, муҳаррирон ва наққошон саҳм гузоштанд. Нашри 100 ҷилдаи «Дурдонаҳои адабиёти туркӣ» ба маънои томаш таҷассумгари дигаргуниҳои куллии маънавиест, ки дар Ўзбекситони Нав ба вуқӯъ мепайванданд.

Намояндагони сафоратхонаҳои кишварҳои аъзои Созмони давлатҳои туркӣ — Туркия, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон ва кишварҳои мушоҳид — Туркманистону Венгрия ва як гурӯҳ зиёиёни эҷодкор таъкид намуданд, ки ба дасти нашр расидани дурдонаҳои адабиёти туркӣ ба таҳкими дӯстии азалию абадии халқҳои бародар хидмат хоҳад кард.

Боиси ифтихори роқими ин сатрҳост, ки аз 100 ҷилдаи «Намунаҳои адабиёти туркӣ» осори мондагори нобиғагони адабиёти оламгири форс-тоҷик — Ҷалолиддин Балхии Румӣ ва Низомии Ганҷавӣ низ ҷой гирифтаанд.

А. СУБҲОНОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Суратгир: А. ИСРОИЛОВ (ЎзА).

Ахлоқ

БУБАХШОЙӢ, БУБАХШОЯНД БО ТУ...

Дар асари “Ахлоқи Муҳсинӣ”-и адиби машҳури классики тоҷик Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар боби шафқат, меҳр ва марҳамат оварда шудааст: “Сабуктегин – падари Султон Маҳмуд дар аввали ҳол, ки мулозими Самҷур буд, як сар асп беш надошт ва авқоти ӯ бағоят ба ишрат мегузашт. Ҳар рӯз ба азми шикор ба саҳро рафтӣ. Агар сайде ба даст омадӣ, бад-он гузаронидӣ. Рӯзе охуе дид, бо бачаи худ дар саҳро мечарид. Сабуктегин асп барангехт. Оҳу бигрехт, чун бачаи ӯ хурд буд, бо модар натавонист гурехтан. Ўро бигирифт ва дасту пояш барбаст ва дар пеши зин ниҳода, роҳи шаҳр пеш гирифт. Оҳу, ки бачаи худро гирифтор дид, бозгашт ва дар пай медавид ва фарёд мекарду менолид.

Сабуктегинро бар вай раҳм омад ва дасту пойи оҳубачаро бикушод ва сар ба саҳро дод. Модар омаду бачаро дар пеш гирифт ва рӯй ба осмон карда, ба забони безабонӣ муноҷоте кард: – “Оне, ки забони безабонӣ донӣ...”.

Сабуктегин дасти холӣ ба шаҳр бозомад ва шабона хоб дид, ки ба вай мегӯянд: – “Эй Сабуктегин, ба воситаи он шафқату марҳамате, ки дар ту ба вуҷуд омад ва бар ҷиҳати он карому меҳрбонӣ, ки дар ҳаққи он бечора ва забонбаста кардӣ, ба ҳазрати Ҳақ тақарруби тамом ёфтӣ ва мо аз ту хушнуд шудем. Ту подшоҳӣ меёбӣ, бояд, ки ба бандагон ба ҳамин навъ шафқат ба ҷой оварӣ ва дар бораи раияти худ тариқи марҳамат фурӯ нагузорӣ”. Ҳукамо гуфтаанд, ки яке аз осори шафқати султон он аст, ки чунон раиятро дӯст дорад, ки падар фарзандро ва ҳар чӣ бар худ написандад, бар эшон написандад. То эшон низ молу ҷони худро аз вай дареғ надоранд ва ҳар чӣ доранд, фидои вай кунанд ва ҳама ҳиммати худро бар дарозии умру зиёдатии давлати ӯ гуморанд ва чандон, ки ўро раҳму шафқат бар халқ бештар бошад...”.

Маснавӣ:

Бубахшойӣ, бубахшоянд бо ту,
Даре аз ғайб бикшоянд бар ту.
Агар раҳмат зи ҳаҚ дорӣ таманно,
Ту ҳам бар дигарон раҳме бифармо.

Дарҳақиқат, инсон ташнаи меҳр ва раҳму шафқат аст. Меҳр ба ҳамаи дардҳо марҳам мегардад, ҳатто инсонҳои маъюб аз меҳру шафқат ба по мехезанд, дарду ранҷи худро фаромӯш мекунанд.

Ҳамсуҳбати мо, Акмал Ризоев – дар яке аз мағозаҳои бисёрсоҳаи ноҳияи Чилонзор ходими савдо мебошад, ки ҷавони хушзавқ ва боодоб буда, аз пастиву баландиҳои рӯзгор бохабар аст, вай доир ба мавзӯи мазкур фикри худро баён намуд.

– Бовар кунед, бо келинатон тавассути интернет ва телефон шинос шудам. Вақти пулгузаронӣ ба телефон рақамро нодуруст гуфтаам, пул ба телефони Наргис ном духтаре афтидааст. Ҳамин баҳона шуду бо ӯ телефонӣ мулоқот мекардагӣ шудем. Ман дар коллеҷи роҳи оҳан таҳсил мегирифтам. Наргис дар коллеҷи тиббӣ меҳонд. Аввалҳо муносибати мо дӯстона буд, дертар дар дили ман нисбат ба ӯ як самимият пайдо шуд ва аҳд кардам, ки ўро бубинам. Аммо Наргис пешниҳоди маро ҳамеша рад мекард, бо ман рӯ ба рӯ шудан намехост. Рӯзе воҳӯрдем. Воҳӯрии нахустинамро бо ӯ як умр фаромӯш намекунам. Боғи истироҳат. Дар курсии соҳаи дарахт нишастааст, ситорагарм ва зебо. Маро дида ба пешвозам нахест. Аз ин муносибат ҳайрон шудам, баъд нигоҳам ба асобағале афтод, ки дар пояи дарахт меистод. Духтар бо чеҳраи маҳзун ва табассуми беғубор ба ман нигоҳ мекард. Он лаҳза Офаридгор дар дили ман нисбат ба ӯ раҳму шафқат ангехт.... Наргис бино бар садамаи автомобил аз пойи росташ то зону ҷудо шуда будааст.

Ҳамин тариқ, муносибати мо рӯз аз рӯз мустаҳкам гардида, охирон ҳамхона ва соҳиби ду фарзанд шудем. Дертар шифокорон ба пойи ӯ протез шинонданд. Ҳоло бе асобағал мегардад. Маро мудом бо меҳрубонию табассуми ширин пешвоз мегирад, мунису ғамхори фарзандонамон аст. Ман худро аз инсонҳои хушбахт меҳисобам. Баъзе ҷавонони имрӯзро намефаҳмам. Сиҳату саломатанд, ба қаҳр «кӯҳро талқон мекунанд». Аммо бо баҳонаи ночизе оиларо пароканда карда, кӯдаконро хору зор мегардонанд. Таъмину ҳифзи оила, меҳрубониву раҳму шафқат нисбати он дар дасти худамон, – мегӯяд Акмалҷон.

Оре, ба дарди Наргис барин беморон, ки ба раҳму шафқат ниёз доранд, марҳаму ҳамдард шудан, қалби онҳоро нисбат ба ҳаёту зиндагӣ гарм кардан вазифаи ҳар як инсони некдилу хайрандеш аст.

Саодат БЕКНАЗАРОВА.

ЯК ПОРАИ ДИЛИ МАН!

Дар дохили қатораи самти Тошканд – Тирмиз, ки мусофиронаш аксаран ба ўзбекӣ ҳарф мезаданд, садои тоҷикӣ ба гӯшам расид. Зуд мутаваҷҷеҳ шудам.

Ду нафар тоҷикӣ гуфтугӯ доштанд. Яке марде буд, ки асобағал дошт. Дигаре ҷавони қадбаланд, ки ба марди асодор кумак мерасонд.

Man бо онҳо шинос шудам.

Аввал кӯтоҳак кӣ ва чикора будани худро гуфтам.

– Ному насаби камина Султоналӣ Имомов аст. Ин ҷавон ҷиянам — Ҷамшед дастёру ёвари man. Мо аз тоҷикони деҳаи Истиқболи ноҳияи Шеробод воҳаи Сурхон. Омӯзгорам, тоифаам олӣ.

– Саломатӣ чӣ хел, муаллим?

– Ранг бину ҳол пурс, – бадард механдад ӯ ва идома медиҳад.

– Акнун нимодамам, додар. Дарди зӯр, ҳатто филро аз пой меафтонидааст.

– “Навмед набояд шудан аз гардиши айём,..” — навъе дилбардорӣ кардам.

– Эҳ–ҳҳ... – хаёле даст меафшонад ӯ.

Чеҳрааш тира мешавад, вуҷудаш дар панҷаи ғам фишурдатар гардида, бари рӯяш ноаён пир–пир мепарад.

– Ба ҳар ҳол, ноумед– шайтон, мегӯянд. Хушбин бояд буд.

– Як одами ба ду пояш давида мегаштагӣ, ин хел маъюби мубтало шавад... Man умре меҳри худро ба мактабу замин додаам. Ба мактаб ва Замин! – овозашро як парда боло кард вай.

– Чанд сол муаллим будед?

– Аз соли 1991 инҷониб. Чун Донишкадаи давлатии омӯзгории Самарқандро хатм намудам, аввал дар мактаби рақами 28 ва баъд дар мактаби 40 кор кардам. Ин мактабҳо дар кӯҳистони Дараи Ниҳон буданд. Деҳаи мо Киштут ном дорад. Аз маркази ноҳияи Сариосиё 80 км. Набудани роҳи мошингард одамонро маҷбур месохт, ки ин масофаро пиёдаву харсавор тай бикунанд ва ба маркази ноҳия расида, ягон кору муаммои худро ҳал созанд. Ҳоло дар мактаби рақами 61-уми ноҳияи Шеробод кор мекунам. Дабистон хонаи дуюми man аст. Ба фарзандони мардум аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дарс медиҳам.

– Чун ин қадар дилбастаи пешаи худ ҳастед, шояд ягон нафар аз фарзандонатон касби шуморо интихоб карда бошанд?

Вай оҳиста пешонӣ молид, оҳи вазнине аз қаъри замираш канда шудаву ба муҳити ороми вагон пайваст. Як сукути вазнин қоим гашт. Муаллим сар афканда, шояд худро ба ифшои кадомин як асрори дил омода сохт, баъд бадард ба сухан омад, ки аз онҳо ҷигари man ҳам рехт.

– Фарзанд... надорам man, додар. – Надорам! Худованд ба man ин неъматро раво надид.

– Ману ҳамсарам — Зайнаб сӣ соли умри худро дар интизории фарзанд сипарӣ намудем. Аммо дар хизонаи ғайби Парвардигор ба номи ману завҷаам ин неъмат сабт нашуда будааст. Афсӯс! Ҳамсарам ба ноҳуни фарзанд зор шудаву гириста-гириста оҷибат ин дунёро тарк кард. Берӯзӣ, ду сол пеш – соли 2020... сар ба хоки тар бурд. Ба ҷавори ҲаҚ пайвастани ӯ бароям зарбаи сахте шуд. Бе ҳамроз мондам, ҳоло дар миёни чор девор тани танҳо зиндагӣ мекунам! Акнун мани синнаш ба нафаҚа наздикшуда мутлаҚо танҳо ҳастам. На зан дар бару на фарзанде дар канор!

(Давомаш дар саҳ.2).

ДЕПУТАТИ ПАРЛУМОНИ АВРУПО ТАШАББУСҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОНРО БИНОБАР РУШДИ НИЗОМИ МУЪТАМАДИ ТАЪЛИМ БАҒОЯТ МУҲИМ ВА САМАРАБАХШ МЕҲИСОБАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Man ҳамчун раиси ҳайати Парлумони Иттиҳоди Аврупо ин суханони олиҷанобі Президент Шавкат Мирзиёевро, ки аз эътимод ва хоҳишу орзуҳо нисбати мавзӯи муҳими таълим ҳангоми суханрониаш дар Конфронси дуюми умумичаҳонӣ оид ба тарбия ва таълими кӯдакони синни хурд дар Тошканд иброз ёфтанд, дастгирӣ менамоям.

Бешубҳа, мамлакат дар роҳи тарбияи шаҳрвандони ояндаи худ ба комёбиҳои назаррас ноил шудааст, man бо гуфтаҳои Президент, ки дар онҳо суханони ояндаи насли наврас ганҷинаи бебаҳои мо ба шумор меравад ва асосии шукуфоиву пешрафти дурахшони мост, аз ҳар ҷиҳат ҳамфикр ҳастам.

Man ташаббусҳои Президентро бинобар рушди низоми муътамади таълим баҳоят муҳим ва самарабахш меҳисобам.

Ҳукумат дар таъриҳи мамлакат бори аввал Вазорати таълими томактабиро таъсис дод. Ҳамчунин бояд зикр намуд, ки аллакай бисёр натиҷаҳои муҳим ба даст омаданд: миқдори кадрҳои педагогӣ мунтазам меафзояд; шумораи кӯдаконе, ки дар боғчаҳои бачагона таълиму тарбия мегиранд, аз 600 ҳазор ба 2 миллион нафар афзуда, имкон додааст сатҳи фарогирии кӯдакон то ба 70 фоиз расонида шавад.

Ғайр аз ин man саъю кӯшишҳоеро, ки Ўзбекистон барои тайёр кардани донишчӯёни мактабҳои олӣ ва толибилмони мактабҳои миёна мебарад, аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ менамоям. Дар ин ҷо миқдори мактабҳои олӣ тақрибан 2,5 баробар зиёд гардида, квотаи қабул ба мактабҳои олӣ 3,5 баробар беш ва фарогирӣ бо таълими олӣ, аз 9 ба 38 фоиз расидааст.

Дар хотима меҳоҳам бигӯям, муътақидам, ки ҳукумати Ўзбекистон барои он ки ба ҳадафҳои бузурги худ, ки аз ҷониби Президент то соли 2025-ум муайян шудаанд, муваффақ гардад, минбаъд низ дар ин самт пеш меравад.

АИ «Дунё».

ОБУНА-2023

МО БОЯД РӮЗНОМАИ ХУДРО ДӮСТ ДОРЕМ

Мамнӯъгоҳи давлатии «Нурато» ҳудуди васеъ дорад. Он аз ноҳияи Фориш ибтидо гирифта то ба ҳудуди ноҳияи ҳамсояи Нуратои вилояти Навоӣ мерасад ва як қисми заминҳои ноҳияи Кӯшработи вилояти Самарқандро низ дарбар мегирад.

Ҳифз намудани олами нодири ҳайвоноту наботот ва бо ин роҳ таъмин кардани гуногунрангии табиӣ аз вазифаҳои асосии ходимони мамнӯъгоҳ ба шумор меравад. Дар қаламрави мамнӯъгоҳ оҳу, ғурм, санҷоб, кабк ва ба ҳамин монанд ҳайвоноти нодире, ки ба «Китоби Сурхи Ӯзбекистон» шомил гардидаанд, эҳтиёткорона ҳифз карда мешаванд. Мо — ходимони мамнӯъгоҳ шабу рӯз дар баландиҳои кӯҳ, дараву сойҳо мегардем, то ки ба табиати зебо, олами ноёб зарар нарасад.

Ман аз соли 2014 инҷониб дар ин ҷо ҳамчун нозир кор мекунам. Ҳар сол, ҳамин ки мавсими обуна ба нашрияҳои даврӣ шурӯъ меёбад, аз сарҳисобчии соҳибтаҷрибаамон Улуғбой Шакаров хоҳиш менамоям, ки маро ба рӯзномаи дӯстдоштаи худам обуна кунад. Ҳамин тавр бечуну чаро ба «Овози тоҷик» обуна мешавам. Боре хабарнигори рӯзнома дар вилояти мо – Анорбой Назаров дар ҳокимияти ноҳия аз ин ҳол хабар ёфта, хеле хушҳол гардид. Гуфт, ки кош омӯзгорони мактабҳои тоҷикӣ ҳам чун шумо мебуданд, ба рӯзномаашон обуна мешуданд.



Дар «Овози тоҷик» аз ҳаёти ҳамзабонон мақолаҳои зиёди хонданбобро мехонам. Аз ҳамзабонон хоҳиш мекунам, ки рӯзномаи худро дӯст доранд. Охир, он бо забони модарии мо — тоҷикӣ чоп мешавад...

Шокирбой СИРОҶОВ,
нозири мамнӯъгоҳи давлатии «Нурато».
Вилояти ҶИЗЗАХ.

(Аввалаш дар саҳ.3).

ЯК ПОРАИ ДИЛИ МАН!

– Сад афсӯс!

– Агар иҷозат диҳед, як воқеаро нақл кунам.

– Бифармоед.

– Рӯзе бо ҳамсари раҳматиам ба тамошои шаҳри Тирмиз рафтем. Ба ӯ либосҳои нағз харида додам. Хурсанд буд. Мо аз ҳар дар суҳбаткунон меомадем. Даҳонам тафсидааст, хаёлманд сӣ – чил қадам пеш рафтаам, ногоҳ бинам, дар барам завҷаам нест. Ҳайрон шуда, мушавваш ба атроф нигаристам. Вай, дар назди як мағозаи пури либос ҳангу манг меистод. Ноилоҷ баргаштам ва дидам, ки аз ду чашми шаҳлояш шашқатор ашк мерезад. Дар он мағоза либосҳои ранг ба ранги кӯдаконро гузошта буданд. Мо – зану шавҳар муддате гардани ҳам гирифта, ҳатто ба нигоҳи ҳайратомези раҳгузарон эътиборе надода, оби чашм рехтем... Ин лаҳзаҳо хеле дардзо ҳастанд. Касро бе теғ мекушанд.

– Бале, хеле аламангез аст.

Дидагони мусоҳиби ман нам мешаванд ва ӯ бо нӯки остин ноаён оби аз чашмонаш заҳидаро пок мекунад.

– Чаро ба сиҳатии худ бепарво шудед?

– Худам бехабар мондам. Духтурҳо мегӯянд, ки ин ҳама бори ғам аст. Маро андӯҳи гарон аз ботин ноаён ғалбер ва оқибат ба ин ҳол гирифтор кардааст. Ҳоло аз дарди дил ҳам азият мекашам. Гоҳ-гоҳ ғалаён карда, хеле мушаввашам месозад. Доруву даво мудом ҳамроҳам.

– Пойҳоятонро ҷарроҳӣ карданд?

– Ҳозирак аз бемористон ҷавоб доданд. Даҳ рӯз хобидам. Ҳамин ҷиянам Ҷамшедҷон, умраш дароз бод, тули ин муддат дар сари ман буд. Фарзандам барин нигоҳубин кард. Ташхис нишон дод, ки пайвандаки устухони косу пойҳоям зарофат ёфтааст, аз қазо моеи дарунаш хушкидаву ҳини ҳаракат устухонҳо ба ҳам соиш хӯрда, суда гаштаанд. Ин дарди ҳарина сахт азобам дод. Аз ҷон, ки гузаронд, ноилоҷ ба ҷарроҳӣ розӣ шудам. Чилу панҷ миллион сарф кардам. Илоҳо, дасташон дардро набинад, табибон хуб заҳмат кашиданд.

Мусоҳибам аз такони ногаҳонии вагонҳои қатора озор дид, ки ҷабин чин намуд ва сахтакак лаб газид.

Бисту ду сол муқаддам бар асари амалиёти ҳарбии нерӯҳои кишвар алайҳи ҷангҷӯёни бегона валангор ва сокинонаш ба ҳамвориҳо кӯчонда шудаанд. Султоналӣ Имомов аз мухлисони асили рӯзномаи “Овози тоҷик” будааст.

– Имсол ҳам ба “Овози тоҷик” обуна мешудагистед, – кунҷковӣ мекунам ман.

– Ин чӣ гуфтагиатон?

– Дар омади гап пурсидам. Ҳоло, ки барои саломатиатон ин қадар маблағ сарф кардаед, шояд...

– Не, бародар! Он маблағ барои сиҳҳатии тан буд, акнун харҷе бояд , то чун ҳама сол рӯҳ дар офият бошад. Зеро агар дар парвариши маънавии худ билангем, аз ҷонварон тафовуте нахоҳем кард. Ман бидуни “чуну чаро?” – ҳо, албатта, обуна мешавам. Охир, ин рӯзнома як пораи дили ман аст. Агар тоҷикон худро эҳтиром кунанд, модари худро сидқан дӯст доранд, ба “Овози тоҷик” бояд обуна шаванд.

– Хуб, акнун аз зиндагии сокинони деҳаи Истиқбол ҳикоят бикунед. Мардум ба ҳаёти нав хеле одат кардагистанд. Зиндагиашон чӣ хел?

– Мардуми моро аз нӯҳ деҳаи Дараи Ниҳон ичборан кӯчонда оварданд. Бахши аз ҳама бештари аҳолӣ дар деҳаи Истиқболи ноҳияи Шеробод ҷой гирифтанд. Ин ҳодиса моҳи декабри соли 2000-ум сурат гирифт. Он сол зимистон ҳам сахт омада буд. Ҳукумат ройгон хонаҳои нав сохта дод. Ҳавлиҳои қаблии мо дар кӯҳистон ба коми оташ монда, ҳама валангор шуданд. Панҷ соли аввал дар ҳамвориҳо мо хеле азоб кашидем. Аз нигоҳи иқтисодӣ бештар азоб медидем, чунки зиндагиро аз сифр оғоз карда будем ва ҳама навхонадоронро мемондем. Инчунин азияти равонӣ мекашидем. Чунки мо зодагони кӯҳҳои баланд будем ва дар пастиҳо мароми зиндагиро гум карда, як муддат дар ҳоли сардаргумӣ зистем. Аксари мардуми мо аз сокинони бошарафи деҳаи Париқишлоқи ноҳияи Музработ хеле сипосгузоранд. Аҳолии Париқишлоқ саросар тоҷикон буда, солҳои шастуми қарни бист дар замони заминкушоиҳо аз кӯҳистони Бойсун муҳоҷир гаштаанд. Моро хеле хуб дастгирӣ намуданд. Албатта, он айём тафовути иқлим ҳам таъсири манфӣ мерасонд, таҳдашт мисли кӯҳистон салқин набуд, ҳавои ноҳинҷор дошт, гармиаш нафасгир менамуд. Ин аст, ки кӯдакон ва мӯйсафедон бештар азоб мекашиданд. Аммо одам ба ҳар гуна шароит одат мекардааст. Ва мо ҳам оҳиста – оҳиста мутобиқ шудем.

– Ҳоло чӣ? Зиндагӣ беҳтар шудагист?

– Худоро шукр, мо, тоҷикон азалан мардуми танбал нестем. Хоса мардуми кӯҳистон дар меҳнат ҳамто надоранд. Ҳоло ҳарчӣ ноил гаштанд, ба зарби меҳнати дандоншикан ба даст оварданд. Ҳамин аст, ки кунун ҳаёти мо беҳтар гардидааст. Сокинони деҳоти атроф ба зиндаги мо – тоҷикони Истиқбол бо ҳавас менигаранд. Ҳоло ҳариб дар ҳар як хонадон мошин ҳаст, аҳолӣ замини наздиҳавлигӣ дорад, аз он даромади хуб мегирад. Имрӯз пас аз гузашти зиёдтар аз бист соли он воқеоти номатлуб ҳаёти мо ба маромі хуб даромадааст. Истиқбол, ки рӯзҳои аввал куллан шӯразор буд, ҳоло биҳиштро мемонад. Шермардони деҳа пайваста ба ободкориҳо даст мезананд. Ҳукумат мактаби замонавӣ сохт, ки ҳоло фарзандони халқ таълим мегиранд. Ҳуллас, мо бо меҳнати ҳалоли худ ба муроди дил мерасем.

– Зиндагиатон боз ҳам ободтар бод. Ба шумо шифои комил хоҳонам.

– Ташаккур. Зинда бошед.

Дар вокзали роҳи оҳани Тирмиз аз қатора поин омадем. Бо муаллим Султоналӣ Имомов ва ҷиянаш Ҷамшед бародарвор хайрухуш кардам. Вай дар назари ман тандеси сабрро мемонд.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори “Овози тоҷик”

Дар Тошканд таҳти ҳамкории Ассотсиатсияи миллии созмонҳои ғайридавлатӣ ва ғайритиҷоратӣ (CFF), Вазорати адлия, Фонди ҷамъиятии дастгирии созмонҳои ғайридавлатӣ ва ғайритиҷоратӣ ва дигар институтҳои ҷамъияти шаҳрвандии назди Олий Маҷлис дар Академияи идоракунии давлатии назди Президент бахшида ба анҷоми курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси роҳбарони CFF чорабинӣ баргузор гардид.

КУРСҲОИ БОЗОМӮЗӢ ВА ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ РОҲБАРОНИ СОЗМОНҲО

Қайд карда шуд, ки имрӯз дар ҷумҳурӣ қариб 9 ҳазор созмони ғайридавлатӣ мавҷуд буда, ҳадафи олии онҳо ба ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии аҳолӣ нигаронида шудааст.

Аз ин рӯ, фароҳам оварданӣ шароити зарурӣ барои фаъолияти озодонаи институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ, иштироки фаъолона дар идоракунии давлат ва ҷамъият, такмили минбаъдаи механизмҳои дастгирии давлатии онҳо дар бунёди Ӯзбекистони Нав ҳадафи аввалиндараҷа қарор дода шуд.

Аз ҷумла, дар 5 соли охир бештар аз 20 санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуд, ки мусоидат ба фаъолияти созмонҳои ғайридавлатӣ, пурзӯр намудани самаранокии назорати ҷамъиятӣ, баланд бардоштани нақши институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ дар идоракунии давлат ва ҷамъият нигаронида шудаанд. Бо мақсади васеъ намудани доираи дастгирии давлатӣ ба институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ ва такмили низоми институтсионалӣ заминаи ҳуқуқии ҷудо намудани маблағ аз буҷети маҳаллӣ ба ташкилотҳои ғайриҳукматӣ таъсис дода шуда, дар ҳар минтақа фондҳои алоҳидаи маҳаллӣ ташкил шуданд.

Илова бар ин, барои маблағгузории лоиҳаи муҳими иҷтимоии созмонҳои ғайридавлатӣ ва дигар институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ аз буҷети давлатӣ наздик ба 400 млрд сӯм маблағ ҷудо карда шуд. Донишу малакаи замонавӣ доштани намояндагони ташкилотҳои CFF, ки иштирокиёни бевоситаи ин ислоҳоти азим мебошанд, муҳим аст.

Омӯзиши 50 нафар роҳбарони CFF, ки дар марҳилаи дуюми тренинг иштирок доштанд, даҳ рӯз давом кард. Шунавандагонро бо донишҳои нави назарии фаъолияти CFF дар ҷамъият шинос намуда, дар бораи такмили ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ, малакаи ташкили самараноки фаъолияти мақомоти давлатӣ ва оқилона тақсим кардани вақти кори шунавандагон, идоракунии захираҳои инсон, ноил шудан ба самаранокии шахсӣ донишҳои зарурӣ дода шуд.

Дар баробари ин шунавандагон дар ҷараёнҳои амалӣ низ иштирок доштанд. Аз ҷумла, онҳо аз Олий Маҷлис ва CFF дидан намуда, бо татбиқи лоиҳае, ки баҳри беҳбудии мардум хидмат мекунанд ва корҳои бунёдӣ ҷамъияти шаҳрвандӣ шинос шуданд. 50 нафар роҳбарони CFF, ки омӯзишҳоро бомуваффақият хатм кардаанд, сертификатҳои Академияи идоракунии давлатӣ супорида шуданд.

Дар навбати худ, роҳбарони CFF, ки тренингҳоро хатм кардаанд, ба узвияти “Штаби тренерон” дар назди Ассотсиатсияи миллии созмонҳои ғайридавлатӣ ва ғайритиҷоратии Ӯзбекистон қабул карда мешаванд. Дар оянда тренерон дар семинарҳое, ки барои намояндагони CFF-и ҳудудҳо ташкил карда мешаванд, иштирок намуда, ба онҳо барои боз ҳам беҳтар намудани кор ва навиштани лоиҳаҳои иҷтимоӣ аз наздик ёрӣ мерасонанд.

Ҳамчунин, дар ҷараёни чорабинӣ миёни Ассотсиатсияи миллии созмонҳои ғайридавлатӣ ва ғайритиҷоратии Ӯзбекистон ва созмони ғайридавлатии «Мадад» меморандуми ҳамкорӣ ба имзо расид.

М. МАМАҶОНОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».

ДАРСИ МАҲОРАТ ДАР МАКТАБ

Бо ташаббуси роҳбарияти мактаби таълими ҳамагонии рақами 54-уми ноҳияи Китоб вохӯрӣ ба амал омад. Барои синфҳои болоӣ ва хатмкунандагон номзади илмҳои педагогика, дотсенти Донишгоҳи давлатии педагогии Чирчиқ, муаллими ботаҷриба Дилмурод Муҳаммадиев вохӯрӣ ва дарси маҳорат гузаронд.

Дар аввал муаллим иштирокдоронро бо ҷараёни инкишофи таълиму тарбия шинос намуд. Хусусан аз чораҳои амалӣ доир ба соҳаи тайёркунии муаллимони тоҷикзабон, шартҳои қабул, нақшаҳои хониш, рӯйхати фанҳои махсус дар мактабҳои олӣ хабардор кард.

Вохӯрӣ бо саволу ҷавобҳои дутарафа хеле завқовар ва фоиданок буд. Муаллим дар мавзӯъи “Методҳои замонавӣ ва инноватсионии таълим, хусусиятҳои педагогикаи креатив” дарси маҳорат гузашт. Ин дарс нафақат барои хонандагон, балки барои муаллимони ҷавони мактаби дурдаст завқу шавқи зиёд ба вуҷуд овард.

Бо воситаи саволҳои махсус хонандагони зеҳнашон тез ва фикрашон мукаммал ҷудо карда шуд. Ба онҳо туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуданд. Инчунин, падару модари хонандагони фаъол бо ташаккурномаҳои роҳбари мактаб тақдир шуданд.

Маҳмадалӣ МАҚСУДОВ,
омӯзгори санъати тасвирии мактаби 54-уми ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё.

МУШКИЛОТИ СОҲИБКОРОН ҲАЛ МЕШАВАНД

Дар Маркази ҷавонони Самарқанд вохӯрии ҳокими вилоят Эркинҷон Турдимов бо тадбиркорон баргузор гардид.
Дар вохӯрӣ аз 116 намояндаи субъектҳои соҳибкорӣ муроҷиати беш аз 50 тадбиркори вилоят аз рӯйи қатъи мунтазами қувваи барқ ва гази табиӣ, ҷудо кардани кредит, иҷозати сохтмон, тағйир додани тоифаи замин, муаммоҳо бобати ҷалби мутахассисони хориҷӣ ва дигар масъалаҳо шунида шуд.

– Мо бо импорти гӯшт аз Покистон машғулем, — гуфт директори Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Meat vishts» Хуршед Ҳалимов. — Имрӯз дар вохӯрӣ бобати ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо корхонаҳои аутсорсинг, муассисаҳои тиббӣ ва субъектҳои дигари хидматрасонӣ, инчунин, ташкил намудани дӯконҳои доимии гӯштфурӯшӣ ёрӣ пурсида муроҷиат кардем. Ба масъулон супориш шуд, ки барои ташкили дӯконҳо дар ярмаркаҳои маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва минтақаҳои сераҳолии шаҳр ёрии амалӣ расонанд.

Бино ба маълумотҳо, қариб 80 фоизи муроҷиатҳое, ки дар қабулҳои сайёри ҳокими вилоят баён гардидааанд, ҳалли худро ёфтаанд.

– Аввалан, агар ҳар як корманд ба вазифаи худ масъулиятшиносона муносибат кунад, дар шаҳрванд ҳам, дар тадбиркор ҳам муаммо намешавад, — гуфт ҳокими вилоят. — Аз беэътибории роҳбарони маҳаллӣ ва муносибати хунукназаронаи секторҳо ба кори худ масъалаҳои одӣ ҳал нагардида, садди кори соҳибкор мешаванд. Тадбиркор даромади иловагӣ мебиёрад, маҳсулот истеҳсол мекунад, ҷои кор ташкил мекунад, вале баъзе мансабдорон ба ҷои кӯмак расонидан, дар ҳалли масъалаи бевосита ба онҳо вобаста ёрӣ намерасонанд ва ба кори соҳибкор монеа эҷод мекунанд. Дар вохӯрии имрӯза низ аксари муроҷиатҳо вобаста ба қатъи барқ мебошанд. Тадбиркор офарандаи арзиши иловагӣ аст. Ба онҳо чӣ қадар зарар расонида шуда бошад, якҷоя бо омбудсман ҳисоб гардида, тавассути суд зарар аз ҳисоби корхонаи барқ ситонида мешавад.

Иҷрои ҳар як муроҷиат зери назорат гирифта шуда, ба шахсони масъул супоришҳо дода шуд ва муҳлати иҷро муқаррар гардид.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

Пешниҳод

ХУБ МЕШУД, АГАР...

Чанд моҳ пеш қасри муҳташами фарҳанги маркази деҳаи Варзик намуди идона гирифта, мо, варзикиён, бо ташаббуси Маркази миллию мадании тоҷикони вилояти Намангон, раисаш Абдусаттор Ғафуров 110-солагии Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, насрнавис, драматург, олим ва мутарҷим, ҳамдиёрамон, устод Сотим Улуғзодаро ҷашн гирифтем. Толори қасри фарҳанг бо зиёиён, муаллимон, мактаббачагон, фаъолони маҳаллаҳои Варзик ва дӯстдорони адабиёту санъат пур буд. Мардуми ду кишвари ҳамсоя — Ӯзбекистону Тоҷикистон шахсияту мероси маънавии устод Улуғзодаро то ҳамин дараҷа азизу гиромӣ доштанд.

Дар ҷашни бошукӯҳ пешниҳод шуд, ки ба қасри фарҳанги деҳаи Варзик, ки дар он ин тадбир гузашт, ба яке аз кӯчаҳои деҳаи Варзику шаҳри Чуст номи Улуғзода гузошта шавад. Ҳамчунин дар боғи фарҳангу истироҳати ба номи Мавлоно Лутфулло номтанаи биринҷии устод Улуғзода, ки пояаш омода аст, низ қад фарозад. Таклифҳо аз ҷониби ҳозирон бо кафкӯбиҳо пазируфта шуданд.

Таклифу қарори аҳли толор барҷост. Рӯзҳои наздик тадбири 110-солагии шоир Усмон Носир баргузор гардид. Гузар ва яке аз кӯчаҳои шаҳри Намангон бо исми ин адиб номгузорӣ шудаанд. Дар боғи фарҳанг ва истироҳати шаҳри Чуст нимтанаҳои Шоири халқии Ӯзбекистон Мухаммадшариф Суфизода, шоири ғазалсаро Чустӣ ва адиб Зафар Диёр мавҷуданд. Хуб мешуд, агар пешниҳоду дархости варзикиёну дӯстдорони каломи бадеъ ба назар гирифта, қасри фарҳанги Варзику кӯчаҳо ба номи фарзанди фарзонаи диёр, устод Улуғзода гузошта шаванд ва дар сафи нимтанаҳои қаламкашони чустӣ нимтанаи адиби намоён ҷойгузин гардад, зеро Сотим Улуғзода низ аз ноҳияи Чуст буда, дар мактаб-интернати ин ҷо ва Дорулмуаллимини тоҷикии Тошканд таълим гирифта, ба дараҷаи адиби мумтоз расидааст. Романҳои «Фирдавсӣ», «Восеъ», қиссаҳои «Субҳи ҷавонии мо» ва «Ривояти суғдӣ»-и нависанда ба забони ӯзбекӣ тарҷума гардида, аз дили китобхонони ӯзбек ҷой гирифтаанд. Драма ва песаҳои адиби бузург ба саҳнаи Театри миллии Ӯзбекистон ҳам гузошта шудаанд. Яъне гуфтанием, ки ба пешрафти адабиёти кишвар, устод Сотим Улуғзода низ саҳми арзанда дорад.

Ш. МИРЗОЕВ,
вилояти НАМАНГОН.

ХОНАҲО БА ЗАНОНИ ЭҲТИЁҶМАНД

Дар сессияи 73-юми Шӯрои депутатҳои халқи шаҳри Тошканд муовини раиси садорати оила ва занону духтарон Лола Бойназарова баромад намуд. Ҳисоботи ӯ аз рӯйи корҳое, ки оиди “Дафтари бонувон” ба амал бароварда шудаанд, муҳокима карда шуд.

Навъе таъкид ёфт, дар се давраи “Дафтари бонувон” бештар аз 57 ҳазор нафар занону духтарони эҳтиёҷманд номнавис шуда бошанд, аз онҳо ба 56 ҳазору 114 нафар кӯмаки моддӣ расонида шуд.

Бо мақсади дастгирии иҷтимоии занону духтароне, ки ба манзил эҳтиёҷ доранд, 29 хонаи истиқоматӣ аз манзилҳои бисёрошёнае, ки дар ҳудуди маҳаллаи Бодомкӯли ноҳияи Юқоричирчиқи вилояти Тошканд барпо шудаанд, аз ҳисоби хазинаи “Дафтари бонувон”-и назди ҳокимиятҳои ноҳияҳои Миробод, Мирзо Улуғбек, Учтеппа, Чилонзор, Яккасарой ва Яшнободи пойтахт харид карда шуд.

Хонаҳо ба сифати манзили иҷтимоӣ ба баланси ҳокимияти ноҳияҳо дароварда ва ба муддати 5 сол ба бесарпаноҳҳо ва бонувони вазъи иҷтимоияшон ногувор ҷудо карда дода мешаванд.

М.ШОДИЕВ,
мухбири “Овози тоҷик”.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1125. Адади нашр 4694 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 04.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.